# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар заминаи тарҷумаи англисии асари «Ёддоштҳо", "Мактаби кӯҳна" ва "Аҳмади девбанд»-и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович ба омӯзиши муқоисавии пешояндҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ, дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бахшида шудааст. Дар он муаллиф роҷеъ ба хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳо таҳқиқ гузаронида, доираи корбурди онҳо, тобишҳои маъноии онҳо дар матн, тафовут ва умумиятҳоро мавриди таҳқиқи пурра қарор додааст.

Мавзуи пешояндҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ҳамеша аз мавзуҳои актуалӣ маҳсуб меёбад, зеро доираи корбурд ва корбасти маъноии онҳо дар матни бадеӣ ва дар умум, дар тарҷума хусусиятҳои хос доранд.

Бояд таъкид намоем, ки Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар таҳқиқоти худ аз асарҳои бевосита тарҷумашуда истифода намудааст, ки ин амал боиси мушаххас таҳлил намудани хусусиятҳои маъноии пешояндҳо гардидааст.

Маълум аст, ки мавзуи пешояндҳои забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиши гуногуни забоншиносони соҳа қарор гирифтаанд, аммо дар заминаи асарҳои мушаххаси бевосита тарҷумашуда, ин амал ба сомон расонида нашуда буд. Аз инҷост, ки муаллиф тавонистааст дар баробари таҳлили маъноии пешояндҳои ду забон, хусусиятҳои тағйири корбурди онҳоро ҳангоми тарҷума низ таҳқиқ намояд, зеро ҳангоми баргардон аз як забон ба забони дигар хусусиятҳои ифода дар забони тарҷумашаванда низ ба инобат гирифта мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки доираи корбурди пешояндҳо дар таркиби матни бадеӣ гуногун аст. Ин амал бештар дар истифодаи пешояндҳои забони англисӣ ба назар мерасад, зеро ҳар як забон хусусияти хоси истифодаи ин ё он ҳолатро дорад, ки ба ифодаи маъно бетаъсир намемонад. Дар баробари ин, хусусиятҳои фарққунанда ҳангоми тарҷума низ бетаъсир нестанд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ ба ҳамин масъала низ таваҷҷуҳ намудааст.

Дар забони англисӣ шумораи пешояндҳо хеле зиёданд, аммо тавре ки худи муҳаққиқ низ зикр мекунад, ҳамаи онҳо дар забон серистеъмол нестанд. Доираи корбурди пешояндҳо дар таркиббандиҳои гуногун дар забони англисӣ фарққунандаанд, зеро агар қисме аз онҳо иқтибосӣ бошанд, қисми дигар ба таври яклухт истифода мешаванд, ки дар ин маврид ба маънои

асосии пешоянд камтар таваҷҷуҳ карда мешавад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот мушаххас дар ин масъала гуфта гузаштааст.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот бо истифода аз намунаҳо аз асарҳои мушаххаси интихобнамудааш тавонистааст, ки доираи корбурди пешояндҳо, хусусиятҳои хоси маъноӣ, тобишҳои иловагӣ дар матн ва дар таркиби ибораҳои феълӣ, дурустии тарҷумаи онҳо, ҳолатҳои ифода нашудани пешояндҳои забони тоҷикӣ дар тарҷума ва ба ҳамин монанд масъалаҳо андешаҳои мукаммалро пешниҳод сохта, таҳқиқоташро дар доираи ҳадафҳои он ба анҷом расонад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ҷанбаҳои гуногуни ифодаи пешояндҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар мегирад. Дар диссератсия мавзуъ дар заминаи асарҳои бевосита тарҷумашуда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносии муқоисавӣ таъсири мусбат расонида, таҳқиқи хусусиятҳои фарққунанда, тафовут ва умумиятҳо заминаи мусоидро барои омӯзиши васеи пешояндҳо таъмин карда метавонанд. Диссертатсия барои муҳайё сохтани омӯзиши масъалаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ саҳм гузошта, дар таҳқиқи масъалаҳои монанд заминаи мусоид фароҳам оварда метавонад.

Кори таҳқиқотии муҳаққиқ аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таълиф шудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳимияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқикот, мавзуи таҳқикот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқикот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи

ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқ мебошад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 4 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва 2 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққикро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссератсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи муҳаққиқ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссератсияи Қосимов М. С. истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар заминаи тарҷумаи англисии асари «Ёддоштҳо", "Мактаби кӯҳна" ва "Аҳмади девбанд»-и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ-ро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар заминаи тарҷумаи англисии асари «Ёддоштҳо", "Мактаби кӯҳна" ва "Аҳмади девбанд»-и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Мухторов Зайниддин -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишгоҳи рушди менеҷменти Сингапур дар Тоҷикистон;

- **Раҳимов Маҳмадназар**– номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони англисии донишгоҳи милии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
аъзои Шурои диссератаатсионӣ Каримов Шухрат Бозорович

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Джамирова Леммара Иосифовна

«17» феврали соли 2023

Имзоҳои Ш. Б.Каримов, Г.З.Абдуллоева
ва Л.И. Джамироваро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj